**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи номзадии Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич дар мавзӯи “«Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)»-и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09-таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методи таҳқиқоти таърихӣ. Душанбе, 2021**

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба омӯзиш ва таҳлили масъалаи манбаъшиносии рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»-и Клавихо ва муайян намудани аҳамияти он дар омӯзиши таърихи Мовароуннаҳр, Эрон ва Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва оғози асри XV бахшида шудааст.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи аснодҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оид ба корҳои илмии унвонҷӯён ҷавобгӯй буда, аз дониши амиқ, муфассал ва васеи назариявию амалии муаллифи он дарак медиҳад. Пас аз омӯзиши рисолаи мазкур ба чунин хулоса омадем, ки муаллиф тавонистааст бо истифода аз сарчашма ва адабиёти илмӣ корро оид ба масъалаи “«Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)»-и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ” мустақилона ба анҷом расонда, меъёру талаботи сохтор ва таркиби диссертатсияҳои номзадиро риоя кардааст. Дар диссертатсия масъалаҳои асосии марбут ба предмет ва объекти кор, яъне Объекти таҳқиқот рисолаи арзишманди Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» мебошад, ки маводҳои он ба унвони ахбори таърихии боэътимод дар баррасии масоили ҷуғрофиёӣ ва ҳаводиси сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба доираи илмӣ кашида шудаанд.

Предмети таҳқиқот ин иттилооти таърихӣ ва далелҳои нишондодашуда дар рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» ва муқоисаи онҳо бо ахбори дигар сарчашмаҳои таърихии ин давр мебошад. Дар ин замина рисолаҳои Низомуддини Шомӣ «Зафарнома», Мавлоно Шарафиддин Алии Яздӣ

«Зафарнома», Мирмуҳаммад ибни Саидбурҳонуддини Ховандшоҳ маъруф ба Мирхонд «Равсату-с-сафо фи сират-ил-анбиё ва-л-мулук- ва-л-хулафо» ва Хондамир. «Таърихи ҳабибу-с-сияр» дар назар гирифта шудаанд таҳлил гардидааст.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили маҷмӯии Дар шинохти таърихи ин ва ё он давр, равшан кардани баъзе масоили норавшани таърих сафарномаҳо нақши муҳим мебозанд. Арзиши ин осор пеш аз ҳама дар он хулоса мешавад, ки муаллифони онҳо шоҳиди бевоситаи воқеаҳои сабтнамудаашон мебошанд ва ё аз қавли шахсоне ҳодисаҳоро баён намудаанд, ки ба ҳарфҳои онҳо эътимод доранд маҳсуб меёбад. Дар маҷмӯъ, дар навишти диссертатсия муаллиф пас аз омӯзиши адабиётҳои илмии соҳавӣ, гузаронидани таҳлилу муқоиса тавонистааст вазифаи дар наздаш гузошташударо ба пуррагӣ иҷро намояд.

Мавзӯи мазкур то ҳанӯз дар ҳаҷми диссертатсияи номзадӣ баррасӣ нагардидааст, бинобар ин интихоби онро дуруст ва актуалӣ ҳисобидан мумкин аст. Аз ин бармеояд, ки навоварии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки дар он бори нахуст дар таҳқиқи маҷмӯии рисолаи Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» бо ҷалби дигар манобеи таърихӣ ва адабиёти илмӣ ифода меёбад.

Навоварии илмии диссертатсия ҳамчунин дар нукоти зерин баён мегардад:

- дар асоси маводи рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» ва дигар асарҳои таърихӣ ва илмӣ зиндагиномаи Клавихо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст;
- сохтор ва муҳтавои бобҳои рисолаи Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» муайян шудаанд;
- маводҳои нави таърихии иртиботдошта ба таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва оғози асри XV аз рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур

дар солҳои 1403-1406» дарёфт шудаанд;

- дар асоси баррасиҳои татбиқӣ дараҷаи дурустӣ ва саҳеҳии маводҳои таърихии рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» бо дигар манобеи таърихии ҳамзамони ин рисола муайян гардидаанд;

- маводҳои нави таърихии рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» ба гардиши илмӣ ворид шудаанд. таҳлил гардидааст.

Саҳми шахсии диссертант дар он мебошад, ки дар асоси маъхазҳо дар ба даст овардани натиҷаҳо иборат аст аз: таҳлили муқоисавии ахбори Клавихо бо сарчашмаҳои таърихие чун «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ, «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ, «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд, «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ дар мавриди шаҳрҳову деҳаҳои дар сари роҳи ҳайати сафорати испанӣ қарордошта, аҳволи деҳқонону косибон, баъзе анъанаву маросимҳои мардуми Хуросону Мовароуннаҳр, маълумоти шарҳи ҳолӣ дар бораи Темурланг ва баъзе намояндагони хонадони ӯ, муқаррароти пазироии расмии сафирон дар дарбори Темурланг ва ғайра; ба гардиши илми таърихнигорӣ ворид кардани масъалаҳои зикршуда ва нашри мақолаҳо оид ба мавзӯи таҳқиқотӣ. Ҳамаи натиҷаҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда шахсан аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд. таҳқиқоти маҷмӯии мукаммали илмиро ба анҷом расонида пешкаши дифоъ намудааст.

Ҳамин тавр, рисолаи мазкур мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, комилан ҷавобгӯи он мебошад. Автореферат диссертатсияи низ мазмуни онро дуруст инъикос менамояд. Муаллиф, оид ба мавзӯи диссертатсионии худ, 5 мақоларо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва КОА Федератсияи Россия эътироф гардидаанд ва 1 монография, 3 мақоларо дар дигар нашрия аз чоп баровардааст.

Хулоса, диссертатсия дар мавзӯи "«Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)»-и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ" кори мантиқан ба анҷом расида ҳисобида шуда, он ба бандҳои 10; 11; 12 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич – сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09- таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методи таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Мудири кафедраи ҳуқуқи
ДДОТ ба номи С. Айнӣ,
номзади илмҳои таърих,
дотсент Аламов Ҳалимҷон Неъматович

21 сентябри 2021 с.
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121, ДДОТ ба номи С.Айнӣ,
тел.: + 992 907 67 82 82; E-mail: alamov_141618@mail.ru

Тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Назаров Давлатхон Қурбонмуродович